«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.
______________________
«_8_» ______05______с. 2023

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Муқимов Сафарбек Давлатбекович дар мавзуи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Муқимов Сафарбек Давлатбекович соли 2013 факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯйи ихтисоси «ҳуқуқшиносӣ» хатм намудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Муқимов Сафарбек Давлатбекович муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ба ҳисоб мерафт.

Аз соли 2020 то соли 2023 ба сифати унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ баҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни фалсафа санаи 14.05.2022, аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ), санаи 15.06.2021 ва ихтисоси ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ санаи 14.01.2023 дода шудааст.

Кори дисертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи манзурнамудаи банди 17-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Роҳбари илмӣ**: Сафарзода Анвар Ислом-доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мубрамии мавзуи (предмети) таҳқиқот.**

Баъди пош хӯрдани ИҶШС ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) дар ҳаёти сиёсӣ, иктисодӣ, иҷтимиоии давлат тағйиротҳои мухим ба амал омадаанд, ки ба сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумлаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ таъсир гузошт. Конститутсияи навини ҶТ саломатиро, ки яке аз муҳимтарин ҳуқуқҳои фитрии инсон ба ҳисоб меравад, дар моддаи 38 муқаррар намуд. Ин ҳуқуқи конститутсионии инсон мутобиқи моддаи 2-и Кодекси ҷиноятии ҶТ (минбаъд – КҶ ҶТ) ба ҳайси объекти ҳифзи Кодекс дохил шуда, дар моддаҳои 110-129-и Кодекс барои зарар расонидан ба саломатӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст. Дар замони муосир қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳимми танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷинояткорона ҳифз менамояд. Маврид ба зикр аст, ки новобаста аз ин муқаррарот қонунгузорӣ оид ба ҳифзи саломатӣ, махсусан ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зарар расонидан ба саломатӣ аз камбудиҳо орӣ нест. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба масъалаи мазкур дорои аҳаммияти калонӣ назарию амалӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ яке аз ҷиноятҳои хатарнок ба муқобили саломатӣ мебошад, ки КҶ ҶТ онро дар моддаи 111 муқаррар кардааст. Хавфи он пеш аз ҳама дар он аст, ки барои ҷамъият оқибати хавфнок дошта, ба солимии бардавоми инсон халал мерасонад. Саломатӣ гуфта, ҳолати беҳбудии пурраи ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоӣ, набудани беморӣ ва нуқсонҳои ҷисмониро меноманд. Дар ҳолати зарар дидани саломатии инсон, аз як тараф, ҷисми ӯ дучори ҷароҳат мешавад ва, аз тарафи дигар, хатари марг ва ё аз даст додани қисме аз саломатии худ ба ӯ таҳдид мекунад. Инсон танҳо дар сурати пурра солим будан метавонад аз ҳуқуқу озодиҳои худ истифода бурда, ҳамчун инсони комил дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ширкат варзад. Бинобар ин, саломатӣ барои инсон неъмати бебаҳо маҳсуб шуда, зарар расонидан ба он на танҳо ба саломатии як шахс, балки ба саломатии аҳолӣ низ хатар дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (111 КҶ ҶТ) ва паҳлуҳои дигари он барои амалия ва назария мубрам ба ҳисоб меравад.

Масъалаи эътироф, арзишмандӣ ва ҳифзи ҳуқуқи саломатии инсон дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии Президент ва Ҳукумати ҶТ қарор дорад. Бо дарки зарурат ва аҳаммияти масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз санаи 21.12.2021 изҳор намудаанд, ки «Рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи солимии аҳолӣ, ки яке аз бахшҳои муҳим мебошад, минбаъд низ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон боқӣ мемонад». Дар ҷои дигар иброз намудаанд, ки «Барои ҳар як давлат солимии аҳли ҷомеа зарур мебошад. Аз ин рӯ, мо бояд халқамонро солим нигоҳ дорем ва барои тандурустии он тамоми

шароитро фароҳам оварем». Ҳукумати кишвар ҳанӯз аз солҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба масъалаи ҳифзи саломатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуд. Эътироф ва ҳифзи ҳуқуқ ба саломатӣ ҳамчун арзиши олӣ дар сатҳи қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, Конститутсияи ҶТ, Кодекси граждании ҶТ, Кодекси тандурустии ҶТ ва муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зарар расонидан ба саломатии инсон дар сатҳи қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, Кодекси ҷиноятии ҶТ дастоварди даврони соҳибистиқлол оид ба ҳифзи саломатӣ ба ҳисоб меравад. Аммо, дар баробари дастовардҳои зиёди назариявию амалӣ дар баъзе аз қисматҳои қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ ҳанӯз нуқсонҳо мавҷуданд, ки таҳқиқоти алоҳидаро тақозо менамоянд.

Ҳамзамон моҳияти таҳқиқи мавзуи баррасишаванда дар он ифода мегардад, ки дар ин хусус таҷрибаи судии ҶТ зиёд мебошад. Тавре аз маълумотҳои оморин Раёсати омори судии Суди Олии ҶТ бармеояд, оид ба ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (м. 111-и КҶ ҶТ) дар соли 2018 - 227 нафар, соли 2019 – 216 нафар, соли 2020 – 226 нафар ва дар соли 2021 – 225 нафар бо ҳукми судӣ маҳкум гардидаанд.

Нуктаҳои зикршуда мубрамияти масъалаи тадқиқоти диссертатсионии мазкурро асоснок менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дар ҶТ ба шумор меравад. Навгонии аз ҷониби муаллиф пешниҳодгардида мафҳум ва моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро фаро гирифтааст. Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд, ки онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

– Таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуд;

– Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ гузаронида шуда, монандӣ ва фарқияти онҳо муайян карда шуд;

– Объекти ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ баррасӣ гардида, муайян карда шуд;

– Тарафи объективии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт;

– Субъект ва тарафи субъективии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ баррасӣ гардида, муайян карда шуданд;

– Омӯзиши омори расмӣ, таҷрибаи судӣ ва ошкор сохтани мушкилиҳои татбиқи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ вобаста ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ баррасӣ карда шуданд;

– тавсияҳо барои ҳалли мушкилоти қонунгузор, назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда пешниҳод карда шуданд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие иборат мебошад, ки ба омӯзиши ҳамаҷониба ва возеҳи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ алоқаманд мебошад.

Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасии илмии **вазифаҳои** зерин зарур мебошанд:

– омӯзиши таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ;

– таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ;

– муайян намудани объекти ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ;

– таҳқиқи тарафи объективии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ;

– баррасии субъект ва тарафи субъективии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ;

– баррасии аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ;

– омӯзиши омори расмӣ, таҷрибаи судӣ ва ошкор сохтани мушкилиҳои татбиқи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ вобаста ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ;

– пешниҳоди тавсияҳо барои ҳалли мушкилоти қонунгузор, назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда.

**Хулосаҳо ва тавсияҳои илмии** дар диссертатсия матраҳгардида бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи судӣ, инчунин қонунгузории ҷиноятии давлатҳои алоҳида оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳо тоҷикӣ ба табъ расонидааст. Интишороти муаллиф мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, таҳлили онҳо дар қисми хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ҷой дода шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Мавзуи диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ тасдиқ ва таҳия гардида бо

мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 мутобикат кунонида шудааст. Ҳамчунин диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокима ва тавсиб шудааст. Маводи пажӯҳиш дар раванди дарсҳои лексионӣ ва амалии тахассусӣ ва курси «ҳуқуқи ҷиноятӣ» татбиқ гардидааст.

Мазмун ва муҳтавои асосии нуктаҳои диссертатсия дар як қатор мақолаҳои илмӣ чоп шудааст. Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли пешниҳоди маърузахо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалии илмӣ-назариявии зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд:

а) байналмилалӣ:

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 30-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи Рушди илмҳои башардӯстӣ (гуманитарӣ) дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маърӯза дар мавзуи «Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс дар конунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷи дур» (Рашт, соли 2021);

б) ҷумҳуриявӣ:

– Конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯён бахшида ба 25-солагии рӯзи Ваҳдати миллӣ ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)», маърӯза дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқукии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ» (Рашт, соли 2022).

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир меёбад, ки ақидаҳои асосии аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта ва барои дифоъ пешниҳод гардида, хулосаву мулоҳизоти муаллиф, таклифоти хусусияти амалӣ дошта, таклифоти барои дифоъ бароварда, аҳамияти назаррасро барои такмилдодани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дошта метавонанд.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбекович дар мавзуи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбекович дар мавзуи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои

ҳуқуқшиносӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар маҷлис иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (таъйиноти декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 24 апрели соли 2023, таҳти №442/1) аз 04 майи соли 2023.

**Раиси маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З.
**Котиби маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муаллими калони кафедраи
криминалистика ва фаъолияти
экспертизаи судии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Шарипов С.С.

**Муқарризи №1:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дотсенти
кафедраи криминалистика ва фаъолияти
экспертизаи судии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Давлатзода К.Д.

**Муқарризи холиси №2:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии
факултети таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи
омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Зокирзода З.Х.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«05» ______ 2023 с.

Имзои Зокирзода З.Х.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар ноҳияи Рашт Шодизода Н.М.
«06» 02 2023 с.